# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони "Асосҳои концептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1.-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Масъалаи тарбияи ҷавонон дар ҳама давру замонҳо барои олимон ва мутафаккирон масъалаи аз ҳама муҳим ба шумор рафта, дар адабиёти мардумӣ, ривоят ва асарҳои илмӣ инъикос мешуданд. Бинобар ин, барои ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли проблемаҳои илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғоя ва андешаҳои педагогии донишпажӯҳон, файласуфон, маорифпарварон, ҳамчунин мулоҳизаи усули таълиму тарбияи дар асарҳои халқӣ мавҷудбуда зарур мебошад.

Арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ бо ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд буда, бо рушди ҷомеа тағйир меёбанд ва ба шароити нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти инсонӣ ва ҷомеа мутобиқ мешаванд.

Барои ҳар як давраи таърихии Тоҷикистон арзишҳои махсуси миллӣ ва умумибашарӣ хосанд, ки халқ онҳоро ба сифати қонун, оиннома, дастур, шиор ва низом мавриди истифода қарор медиҳад. Худи халқ тасмим мегирад, ки кадоме аз онҳо барои ҳамагон ҳатмӣ аст ва ба ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ низом, ҳамоҳангӣ ва ниятҳои некро ворид месозад.

Дар тадқиқот арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ хеле хуб мавриди корбарӣ қарор ёфта, ба тарбияи насли наврасу ҷавон таъсир хоҳад гузошт.

Масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар ҷанбаҳои гуногун олимони ватанӣ ва ҷаҳонӣ ба монанди: А. Паҳлавонов, А.Н. Тугаринов, А. Муҳаммадхоҷаев, Б. Раҳимов, Б. Ғафуров, В. Асрорӣ, Е.Э. Бертелс, Е.А. Подолская, Я.К. Одинаев, И.О. Обидов, Қ. Қодиров, М. Шакурӣ, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, М. Раҷабов, Н.С. Розов, Х.

Мирзозода, Д.Н. Латипов, Ҷ. Файзализода, М. Каримзода ва дигарон, таҳқиқ намудаанд.

Дар доираи таҳқиқот мероси эҷодии мутафаккирони тоҷику форс, ақидаҳои инсонпарваронаи онҳоро, ки асоси тарбияи ахлоқии ҷавонони давраи асримиёнагӣ гардидаанд, таҳқиқ ва таҳлил карда шудааст. Ҳар як намояндаи афкори фалсафии он замон ғояҳои худро тавассути асарҳои бадеиву илмӣ ифода мекарданд. Мутобиқсозии ин ғояҳо ва дастурҳо ба мушкилоти педагогикаи муосир имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии муосир ба таври мусбат тағйир дода шавад ва сифати таълим баланд бардошта шавад.

Истифодаи унсурҳои асосии ғояҳои педагогии мутафаккирони асрҳои миёна ба такмили низоми муосири маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама сатҳ ва зинаҳои он мусоидат менамояд. Ин далелро барои он шарҳ додаанд, ки афкору андешаҳои пешниҳодшуда тавассути ҷаҳонбинӣ ва муқаррароти ахлоқӣ амалӣ карда мешаванд, ки то ҳол аҳамият доранд. Таҷрибаи мутафаккирону муаллимини асримиёнагӣ имкон медиҳад, ки раванди тарбия дар насли наврас шараф, эҳтиром, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ, дастгирии якдигар ва дигар хислатҳои хуби инсонро такмил ва ташаккул диҳад.

Вобаста ба назару андешаҳои олимон ва пажуҳишгарон, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ташаккули назари мусбат ва пурзӯр ба арзиши ахлоқии меҳнатӣ дар ҷараёни таълим аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян намудааст, ки пурра ба мазмуни масъалаи таҳқиқот мувофиқат менамояд. Ҳамчунин сохтори рисола бонизом тарҳрезӣ гардида, масъалаҳои муҳим ва асосии ташаккули арзишҳои миллиро дар бар мегирад.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки дар боби аввали он масъалаи ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар

асарҳои  муттафакирони тоҷику форс бисёр кушоду равшан шарҳ дода шудааст.

Дар боби дуюми рисола  бошад, вобаста бо пайдоиш ва   рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ сухан рафта, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола оид ба арзишҳои ахлоқию маънавии таълим ва тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик ҳамчун зербинои таълиму тарбияи муосир  оварда шудааст.  Дастоварди муҳими фарҳангии мардуми Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ баргаштан ба ҷашнҳои суннатии миллӣ, эҳё ва рушди онҳо, барқарор намудани нақши бузурги онҳо дар ҳаёти мардуми тоҷик ва муносибати онҳо ба он ҳамчун арзиши муҳими миллӣ мебошад, ки дар тарбияи ҷавонон басо мухим мебошад.

Дар боби чорум ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо истифодаи ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити муосир ба тавсифи этнопедагогика ҳамчун самти муҳимтарини ташаккули ҳувияти ҷавононе, ки дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, диққати зиёд дода мешавад.

Боби панҷуми рисола низ  ба таълиму тарбияи ҷавонон ва андешаҳои педагогии адибони форсу-тоҷик равона гардидааст. Асарҳои классикони асрҳои миёна ба зарурати дар руҳияи инсондӯстӣ, ҳамчун шахсияти баланди маънавию ахлоқӣ тарбия кардани ҷавонон далолат мекунанд.  Дар насли наврас хислатҳои дӯстию рафоқат, хушмуомилагӣ, эҳтироми калонсолон, саховатмандӣ, меҳрубонӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, хоҳиши меҳнат кардан ба нафъи ҷомеаро инкишоф ва талқин намудан лозим аст.

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур на дар ҳаматарафа омӯхтани ҳамаи ҷиҳатҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, балки дар пажуҳиши ташаккул, рушди марҳилавии онҳо аз дидгоҳи аҳаммияти педагогӣ мебошад.

Хулоса аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки Аҳмадзода Зулфия Кабир маводи илмии арзишмандеро омода намудааст. Автореферати диссертатсия пурра моҳияти мавзӯи таҳқиқотиро фаро гирифта, метавон онро кори илмии анҷомёфта донист ва дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ рисолаи илмии мукаммал ва аз нигоҳи илми педагогӣ устувор таҳия шуда, ягонагии дохилӣ ва мазмуниро доро аст, ки бо шаклу услуби баланди илмӣ пешниҳод гардидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи **“Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон”** ба талаботи он ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1.-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, и.о. профессор,
директори Муассисаи давлатии
“Китобхонаи милли”-и ДИПҶТ Л.Абдулхолиқзода

23. 06. 2026

Ш.К. имзоро тасдиқ мекунам:

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС